**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи унвончӯ Раҳмонзода Наргис Раҳмон таҳти унвони «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3 – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ**

Дар шароити муосири рушди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим, масъалаи ташаккули маҳорату малакаҳои нутқии хонандагон мавқеи марказиро ишғол менамояд. Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва воситаи асосии муошират, заминаи бунёдии ҳувияти миллӣ ва тафаккури илмии насли ҷавонро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, таълими калима ва таъбирҳо ба ташаккули салоҳияти иртиботиро тақозо мекунад. Таҳқиқоти мазкур маҳз ба ҳамин самти муҳим ва мубрами методикаи таълими забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Кори пешниҳодшуда аз муқаддима, се боби асосӣ, хулосаҳои қисматҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки ҳаҷми умумии он сохтори мукаммали илмиро ташкил медиҳад. Муаллиф дар муқаддима ҳадаф, вазифаҳо, фарзияи илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии корро дақиқ муайян намудааст, ки ин нишондиҳандаи омодагии баланди илмии муҳаққиқ мебошад.

Таҳлили мундариҷаи боби аввали диссертатсия «Ҷанбаҳои назарии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима» ном дошта, аз чор фасли асосӣ иборат аст. Дар фасли аввал муҳаққиқ масъалаи таҳқиқи омӯзиши калима ва таъбирҳоро дар сарчашмаҳои илмӣ-методии ватанию хориҷӣ мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Дар фаслҳои минбаъдаи боби якум (1.2, 1.3, 1.4) заминаҳои илмӣ-назариявӣ, принсипҳо, марҳалаҳо ва ҳадафҳои дидактикии татбиқи салоҳияти иртиботӣ зимни омӯзиши калима ва таъбирҳо ба таври муфассал таҳлил ёфтаанд. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки бойгардонии захираи луғавии хонандагон бевосита ба фаъолияти нутқии онҳо пайваст мебошад ва принсипҳои дидактикии пешниҳодшуда барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо мусоидат менамоянд. Хулосаҳои боби якум нишон медиҳанд, ки асоси назариявии кор хеле устувор аст.

Таҳлили мундариҷаи боби дуюми диссертатсия ба «Методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар асоси стандарт, барнома ва китобҳои дарсӣ» бахшида шуда, саҳифаҳои 66-125-ро дар бар мегирад. Ин боб аҳаммияти калони методӣ ва амалӣ дорад. Дар фасли 2.1 муаллиф мавқеи калима ва таъбирҳоро дар Стантарти таҳсилот ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI ҳамаҷониба омӯхта, камбудиҳо ва дастовардҳои мавҷударо нишон додааст.

Муҳаққиқ дар фаслҳои 2.2 ва 2.3 масъалаҳои умумии таълими воҳидҳои луғавӣ ва ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагонро дар дарсҳои забони тоҷикӣ асоснок мекунад. Ҷанбаи муҳими ин боб дар он аст, ки муаллиф танҳо бо назария маҳдуд нашуда, балки ҷанбаҳои услубии омӯзиши калимаҳо ва таъбирҳоро (фасли 2.4) ба миён мегузорад. Ин усул ба хонандагон имкон медиҳад, ки воҳидҳои луғавиро дар вазъиятҳои гуногуни муошират дуруст ва бамаврид истифода баранд.

Таҳлили мундариҷаи боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Корҳои озмоишию таҷрибавӣ оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди таълими калима ва таъбирҳо» (саҳ. 127-156) ҷанбаи таҷрибавии таҳқиқотро инъикос менамояд. Дар фасли 3.1 вазъи ҳақиқии таълими калима дар мактабҳои миёнаи умумӣ санҷида шуда,

сатҳи ибтидоии дониши хонандагон тавассути корҳои хаттӣ ва пурсишҳо муайян карда шудааст.

Мавкеи машкҳои эҷодӣ дар ташаккули салоҳияти иртиботӣ, ки дар фасли 3.2 баррасӣ шудааст, яке аз кисмҳои самарабахши методикаи пешниҳодшуда мебошад. Ниҳоят, дар фасли 3.3 таҳлили мукоисавии натиҷаҳои озмоиш ва арзёбии самаранокии методикаи нав собит месозад, ки нишондиҳандаҳои синфҳои озмоишӣ нисбат ба синфҳои назоратӣ ба таври назаррас баланд гардидаанд.

Навгонии илмии таҳкикот дар он зохир мегардад, ки бори аввал методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар асоси муносибати салоҳиятнокӣ дар синфҳои V- VII -XI муназзам карда шудааст. Аҳаммияти амалии кор дар он аст, ки маводҳо, машкҳои эҷодӣ ва тавсияҳои методӣ метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва дар раванди дарсҳои амалии донишгоҳҳои омӯзгорӣ истифода шаванд.

Дар баробари муваффакиятҳои зикршуда, хотиррасон кардани баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ва техникӣ ба фоидаи кор хоҳад буд:

1.Дар матни рисола баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ҳангоми омода намудани нусхаи ниҳоӣ бояд ислоҳ шаванд.

2.Муаллиф метавонист дар боби сеюм намунаҳои бештари машкҳои интерактивӣ ва технологияҳои иттилоотиро барои ташаккули нутки иртиботии хонандагон пешниҳод намояд.

Эродҳои кайдшуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии кори таҳкикотӣ таъсири манфӣ намерасонанд. Кори таҳкикотии мазкур як пажуҳиши мукаммал, мустакил ва соҳибмарҳала буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА) комилан ҷавобгӯ мебошад.

Муаллифи он сазовори гирифтани дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика 5.3.5.3 Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеъшиносии
тоҷикии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи академик
М.Осимӣ дар шахри Хуҷанд Темирова Х.И.

Маълумот барои тамос: Ҷумхурии
Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 266
Тел. 8 3422 60454

Имзои Х.И. Темироваро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳои
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.Осимӣ дар шахри Хуҷанд Юсупова М.Ш.

31.09.2026